ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА–079
назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ

Парвандаи аттестатсионии № _____

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 11.10.2025, № 32

Дар бораи сазовор донистани Исроилов Исмоил Исроилович шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ.

Диссертатсияи Исроилов Исмоил Исроилович дар мавзуи «Нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ ба ҳимоя дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА–079 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 12 июли соли 2025 (Протоколи № 20) қабул гардидааст (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 1 октябри соли 2024, №364 ш/д).

Довталаби дараҷаи илмӣ Исроилов Исмоил Исроилович 15 январи соли 1984 таваллуд шудааст. Ӯ соли 2006 Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намудааст. Солҳои 2012–2014 ба ҳайси сармутахассиси бахши ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият кардааст. Солҳои 2014–2015 мудири бахши ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ кор кардааст. Солҳои 2015–2016 ба ҳайси мудири шуъбаи амният ва бехатарии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи

Садриддин Айнӣ фаъолият намудааст. Солҳои 2016–2017 ҳамчун муовини директори Маркази таълимӣ–касбомӯзии шаҳри Норак дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ кор кардааст. Солҳои 2018–2021 ҳамчун директори Маркази таълимӣ–касбомӯзии шаҳри Норак дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ кор намудааст. Солҳои 2021–2022 ба ҳайси раиси шурои кураторони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва ҳамзамон ассистенти кафедраи мудофиаи шаҳрвандӣ фаъолияти худро идома додааст. Аз моҳи июни соли 2022 то инҷониб дар вазифаи муовини ректор оид ба корҳои иқтисодӣ ва хоҷагии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият менамояд. Ҳамзамон аз 1 сентябри соли 2025 ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мебошад. Исроилов Исмоил Исроилович зинаи унвонҷӯиро солҳои 2014–2025 дар кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ гузаронидааст.

Роҳбари илмӣ – Нуриддин Парвин Раймалихон – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент аз рӯйи ихтисоси сиёсатшиносӣ.

Муқарризони расмӣ:

1. Назарзода Пиралӣ Сафар – доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ;

2. Бедилзода Ҳусайн Кабут – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири шуъбаи масоили муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ.

Муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмиллалӣ, доктори илмхои сиёсӣ, профессор А.С. Саидов, эксперт (омодасози лоиҳаи тақриз) номзади илмҳои

сиёсӣ, и.в. дотсенти кафедра Ҷ.А. Мадвалиев ва котиби маҷлис, номзади илмҳои таърих, Н.Ҳ. Одиназода имзо гардида, қайд менамоянд, ки диссертатсияи Исроилов Исмоил Исроилович дар мавзуи мавзуи «Нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», таҳқиқоти мукаммал, дорои сохтори ягона, кори мустақилона анҷомёфта ва дорои навгонии илмӣ мебошад. Диссертатсияи И.И. Исроилов аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ ба талаботи бандҳои 32–33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз руйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ аст.

Исроилов Исмоил Исроилович оид ба мавзуи диссертатсия 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп намудааст. Инчунин оид ба масъалаҳои мавзуи диссертатсионӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ баромад намудааст, ки маводҳои онҳо чоп гардидаанд. Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд:

I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[1-М]. Исроилов, И.И. Заминаҳои сиёсии таърихии таъсисёбии Қушунҳои сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И.И. Исроилов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. – 2021. – № 3-4 (3-4). – С. 194-197.

[2-М]. Исроилов, И.И. Сабаб ва омилҳои хиёнат ба мардуми Афғонистон ва ғасби ҳокимият аз тарафи Толибон [Матн] / И.И. Исроилов,

И.И. Исроилов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. – 2022. – № 2 (6). – С. 56-60.

[3-М]. Исроилов, И.И. Масъалаҳои муосири муҳоҷирати меҳнатӣ дар Тоҷикистон, омил ва сабабҳои он / И.Н. Исроилов, И. И. Исроилов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. – 2022. № 4 (8). – С. 101-105.

[4-М]. Исроилов, И.И. Нақши қушунҳои сарҳадӣ дар ҳифзи марзи Ҷумҳурии Тоҷикистон / И.И. Исроилов, А. Ибодуллозода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2022. – № 1 (96). – С. 275-278.

[5-М]. Исроилзода, И.И. Ташаккул ва рушди сиёсати сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон / И.И. Исроилзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – № 12. – С. 322-326.

[6-М]. Исроилов, И.И. Марзбандии солҳои 20-уми асри XX: таъсири сиёсӣ ва оқибатҳои он барои тоҷикон / П. Нуриддин, И. И. Исроилов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. – 2025. № 2 (18). – С. 137-143.

II. Маърӯзаҳои илмӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ

[1-М]. Исроилов, И.И. К вопросу о специфических особенностях военной политики Республики Таджикистан / И.И. Исроилов. Материалы второе республиканской научно-теоретической конференции совета молодых ученых и исследователей ТНУ «Таджикский национальный университет – центр подготовки молодых специалистов», посвященной 25-летию Государственной независимости Республики Таджикистан. 17–18 мая 2016 года. – Душанбе, 2016. – С. 97-101.

[2-М]. Isroilov, I. From the history of the formation of the border troops of the Republic of Tajikistan / I. Isroilov // International Scientific-Practical Journal «ENDLESS LIGHT in SCIENCE» Almaty, Kazakhstan 30 November 2023.

[3-М]. Исроилов И. Сиёсати сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлол / И. Исроилов. Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ бахшида ба 1050-солагии Абурайҳони Берунӣ. – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 20 майи соли 2023. – С.339-344.

[4-М]. Исроилов И. Артиши миллӣ – кафили амнияту суботи кишвар / И. Исроилов. Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Ифротгароии динӣ ҳамчун таҳдид ба амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ». – Душанбе, ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, 20-уми феврали соли 2023. – С. 46-51.

Ба автореферати диссертатсия тақризҳои муҳаққиқони зерин ворид шудаанд:

Л.М. Бобоходжаева, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи илмҳои иҷтимоии факултети таърихи Донишгоҳи давлатии Тошкент ба номи Низомии Ганҷавӣ. Тақриз мусбат аст ва чунин эрод дорад:

1. Муносиб ва зарур аст, ки масъалаи иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилоти ҷамъиятӣ дар таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути мусоидат ба сохторҳои давлатӣ дар ҳифзи сарҳади давлатӣ мавриди баррасӣ ва ҳалли мушаххас қарор дода шавад.

2. Дар нусхаи русии автореферат баъзе хатогиҳо, ки хусусияти услубӣ ва грамматикӣ (саҳ. 53, 55, 59 ва ғайра) доранд мушоҳида карда мешаванд.

У. Исаев, номзади илмҳои сиёсӣ, и.в. дотсенти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Муқарриз дар тақризи худ диссертатсияро кори илмии анҷомёфта ҳисоб намуда, эрод надорад.

Ф. Музафарзода, номзади илмҳои сиёсӣ, мудири кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст ва чунин эрод дорад:

1. Дар автореферати диссертатсия нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, хуб мешуд, ки бештар типалогияи таҳдидҳои замони муосир ба сарҳади давлатӣ ва амнияти миллӣ мавриди истифодаи васеъ қарор мегирифт.

2. Муаллифи автореферати диссертатсия дар бораи ҳифзи сарҳади давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллӣ хуб андешаронӣ намудааст, аммо хуб мешуд, ки он тахдиду хатарҳое, ки ба устувории Тоҷикистон халал мерасонад, хусусиятҳои асосии он нишон дода мешуд.

Автореферати диссертатсионӣ кори илмии анҷомёфта буда, баъзе камбудиҳои ҷузъии ҷойдошта арзиши илмии онро коста намегардонад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67–70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, таҳти № 295 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризон ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо дар мавзуи таҳқиқшуда, аз ҷумла дар бораи ҷанбаҳои гуногуни ҳифзи сарҳади давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллӣ, мафҳум, моҳият ва хусусияти он, заминаҳои ташаккул ва рушду такмили ниҳодҳои сарҳадбон дар замони муосир, масъалаҳои заминаҳои асосии пайдоиш ва ташаккули ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ва ғайра корҳои илмӣ-таҳқиқотиро анҷом додаанд ва мутахассисони шинохтаи соҳаҳои илми худ маҳсуб меёбанд.

Муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар самти омӯзиши масъалаҳои муҳимми ҳаёти сиёсии ҷомеа, равандҳои сиёсии ҷомеа ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар шароити имрӯза, саҳми назаррас дорад. Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав инчунин, ба масъалаҳои таъмини амнияти миллӣ, муқовимат бо таҳдиду хатарҳои замони муосир ва нақши онҳо дар амният ва устувории сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти хоса медиҳад.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

– масъалаҳои назариявию методологии таҳқиқи ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ ҳамчун муҳимтарин унсури сиёсати ҳарбии давлат мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст;

– вазифаҳо ва меъёрҳои сиёсию ҳуқуқии доктринаҳои муҳофизати марзҳои давлатӣ дар шакли яклухт таҳлилу таҳқиқ гардида, ҷиҳати дарёфти роҳу усулҳои муосири дифоъ аз хатарҳои дохилию беруна тавсияҳои судманд манзур гардидааст;

– манбаъҳои ташаккул ва рушду нашъунамои ниҳодҳои ҳифзи марзу ҳудудҳои давлатӣ муайян ва мушаххас карда шуданд;

– хусусан ҷараёни азнавташаккулёбии ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ ва тадриҷан рушдёбанда овардани онҳо дар даврони Истиқлоли миллию давлатии Тоҷикистон ҳамчун масъалаи илмӣ бори аввал баррасӣ гардидааст;

– нақши қушунҳои сарҳадӣ дар заминаи соҳибихтиёрӣ ва ҳифзи марзу буми кишвар таҳлил ва муайян карда шуд;

– моҳияти дурнамои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар шароити ба амал омадани мубориза ва барҳӯрдҳои нави геосиёсӣ муайян ва исбот карда шуд.

Вазифаҳои таҳқиқотро мақсади таҳқиқот муайян менамояд ва иҷрои онро ҳалли чунин вазифаҳо дар бар мегирад:

– мавриди омӯзиш қарор додани масъалаҳои назариявию методологии таҳқиқи ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ ҳамчун муҳимтарин унсури сиёсати ҳарбии давлат;

– таҳлилу таҳқиқи вазифавӣ ва меъёрии ҳуқуқии доктринаҳои ҳифзи сарҳадоти давлатӣ;

– муайян намудани заминаҳои пайдоиш ва ташаккули ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ;

– баррасӣ намудани раванди ташаккулёбии ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон;

– таҳқиқи нақши қушунҳои сарҳадӣ дар заминаи соҳибихтиёрӣ ва ҳифзи марзу буми кишвар;

– омӯзишу таҳқиқи моҳияти дурнамои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар шароити ба амал омадани мубориза ва бархӯрдҳои нави геополитикӣ.

Аҳамияти амалии мавзуи таҳқиқот бо он асоснок карда мешавад, ки натиҷаҳои таҳқиқи мазкурро мутахассисони соҳа дар такмили стратегияҳо, қонуну низомномаҳои низомию сиёсӣ ва беҳтар намудани мақомоти идоракунии ҳарбӣ метавонанд, истифода баранд. Мазмун ва мундариҷаи диссертатсия дар муассисаҳои таълимии ҳарбӣ барои баланд бардоштани тарбияи ватандӯстӣ ва шуҷоатмандӣ, инчунин барои тавзеҳи хусусиятҳои муҳимтарини сиёсати ҳарбӣ ва шарҳи мафҳуму истилоҳоти соҳа низ тавсия дода мешавад. Маводи диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар таҳияи китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълимӣ аз фанҳои сиёсатшиносӣ, геополитика, амнияти миллӣ истифода бурда шаванд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки мазмуни бобу зербобҳои диссертатсия дар заминаи назарияҳои илмии мавҷуда, хусусан корҳои илмӣ-таҳқиқотие, ки дар онҳо нақши қушунҳои марзбонӣ дар ҳифзи осоиштагии кишварҳо воқеъбинона инъикос ёфтааст, таҳия гардидааст. Дар ин замина муаллиф сохтори фаъолияти ҳарбӣ-сиёсӣ ва унсурҳои таркибии сиёсати ҳарбиро муайян намуда, зарурати рушду такомули тадриҷии онҳоро пешниҳод намудем. Аз ин рӯ, натиҷаҳои асосии таҳқиқ ҷиҳати омӯзиши минбаъдаи сиёсати ҳарбӣ аҳаммияти назариявӣ касб менамояд.

Дар диссертатсия бо истифода аз натиҷаи коркардҳои назариявии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ҷамъбасти назариявӣ, хулосаҳои дақиқ ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар пешбурди фаъолияти касбии мутахассисони соҳаи илмҳои сиёсӣ, ҷомеашиносӣ, таҳияи барномаҳои таълимӣ ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муфид мебошанд, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии довталаб дар заминаи таҳлилу баррасии адабиёти илмӣ ва таҳқиқи равандҳои сиёсӣ таҳия шудаанд.

Дар раванди таҳқиқи мавзуъ, пеш аз ҳама, таҳлили системавӣ, сохторию функсионалӣ, муқоисавӣ таърихӣ ва ғ. истифода бурда шудааст.

Тавассути таҳлили системавӣ нақш ниҳодҳои ҳифзи сарҳадӣ давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст. Инчунин сохтори сиёсати ҳарбӣ, дараҷаҳои зоҳиршавии он, вазифаҳои сиёсии онҳо низ дар заминаи методҳои номбаргардида таҳлилу баррасӣ шудаанд. Инчунин, дар таҳқиқот зимни баррасии вазъи ҳарбию геосиёсии замони муосир аз методи таҳлили муқоисавӣ истифода бурда шудааст. Ба воситаи методи мазкур равандҳои интегратсионии даҳсолаҳои қаблӣ ва дезинтегратсияи шароитҳои гузаштаву имрӯза бо дарназардошти таҳдиду хатарҳои замони муосир нишон дода шудаанд.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки натиҷагирӣ, хулосаҳо ва пешниҳодот дар таҳқиқот дар асоси сарчашмаҳои назариявию методологии диссертатсия асоснок карда шудаанд. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, қабл аз ҳама, дар бобати мухолифат надоштани мазмун ва мундариҷаи рисола бо назарияҳои сиёсии мавҷуда ва мувофиқати методҳои илмии истифодашуда бо соҳаи илми сиёсӣ ифода меёбад. Дар диссертатсия миқдори зарурии адабиёти илмӣ, сарчашмаҳои иттилоотӣ ва хулосаҳои илмию таҳқиқотии расман интишорёфта истифода бурда шудаанд. Инчунин эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар маводи таҳлилу таҳқиқгардидаи нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳадӣ давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок гардидааст.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи диссертатсионӣ маҳсули чандинсолаи фаъолияти илмии муаллиф мебошад. Ҳамаи даврaи иҷроиши нақшаи кории илмӣ–таҳқиқотии пешбинишуда бо иштирок ва пешниҳоди бевоситаи муаллиф роҳандозӣ шудаанд. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва шарҳи маълумоти бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос меёбад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия

ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ ба шумор мераванд.

Маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 11 октябри соли 2025 дар бораи сазовор донистани Исроилов Исмоил Исроилович ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 4 нафар.

Аз 14 нафар иштирокчиён, ки дар маҷлиси шуро ҳозир буданд, овоз доданд: тарафдор 13 нафар; муқобил 1 нафар, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ Қувватзода С. З.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ Сангинов Н.Н.

11.10.2025